## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзуи "Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод мегардад.**

Тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз проблемаҳои умдаи илми педагогика ба шумор меравад, зеро рушди инсонгароёнаву демократикунонии ҷомеаи муосир дар раванди ҷаҳонишавӣ ба соҳаи маориф, ки воситаи тавонои таълиму тарбия маҳсуб меёбад, иртиботи қавӣ дорад.

Такмили вазъи таълиму тарбия ба татбиқи принсипҳои ҳамидаи инсонӣ, дарки ҳуқуқи инсон ва масъулияти шаҳрвандӣ, қобилияти муоширати байнишахсӣ ва омодашавии насли наврас ба зиндагии намунавӣ ва бомасъул дар фазои гуногунфарҳангӣ ва бисёрзабонӣ такя мекунад. Аз ин лиҳоз, тарбияи таҳаммулпазирӣ дар шароити имрӯза яке аз мавзуъҳои мубрами илми педагогика буда, тадқиқи ин мавзуъ дар доираи таълими адабиёти тоҷик, хоса адибони классикии форсу тоҷик аз ҷусторҳои ҷадид маҳсуб мешавад.

Ҳамин тавр, интихоби мавзуъ ва коркарди илмии он аз тарафи диссертант дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илм ҷолиби таваҷҷуҳ буда, ба тадқиқоти мубрам будани он далолат мекунад.

Кори диссертатсионии И.Бобоева дар доираи муқаддима, ду боб ва хулосаи умумӣ таълиф гардидааст. Дар муқаддимаи рисола аз тарафи муҳаққиқ муҳимияти мавзуъ, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, зарурати таҳқиқу баррасии муаммои мавриди назар, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқоти илмӣ, сарчашмаҳо ва равиши анҷоми кори илмӣ, предмет ва объекти тадқиқот, давраҳои тадқиқот, инчунин, матолиби меҳварии барои дифоъ манзуршаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот, саҳми муаллиф дар тадқиқот, тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот,

эътимоднокӣ ва асоснокии тадқиқот ба таври возеҳ шарҳу тафсир ёфтаанд.

Дар фасли аввали боби I мафҳуми истилоҳи **таҳаммулпазирӣ**, нуқтаҳои фарогири он, инчунин, ногузир будани зарурати дар ниҳоди инсонияти рӯйи олам тарбия намудани хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар алоқамандӣ ба ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ муқаррар гардидааст.

Дар фасли дувуми боби мазкур бевосита ақидаҳои олимони соҳаҳои гуногуни ҷамъиятшиносӣ, аз ҷумла, педагогҳову психологҳо, ки зиёда ба масъалаҳои таълиму тарбияи насли наврас рӯ овардаанд, таҳлилу хулосабарорӣ гардида, дар фасли сеюми он барнома ва китобҳои дарсии фанни адабиёти тоҷики синфҳои V-VII, маҳз, аз лиҳози то кадом андоза фарогири масъалаҳои таҳаммулпазирӣ буданашон мавриди пажӯҳиш қарор дода шудаанд.

Боби дуюми рисола "Вижагиҳои педагогии ташаккули таҳаммулпазирӣ дар хонандагони синфҳои V-VII" унвон дошта, дар фасли аввал доир ба таълими матнҳои аз осори классикони зерини тоҷик: Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Аттори Нишопурӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолуддини Балхӣ ва Абдурраҳони Ҷомӣ баргузидашуда, ки маводи асосии барномавии адабиёти тоҷики синфҳои V-VII-ро ташкил медиҳад, дар ҷодаи хислатҳои таҳаммулпазирӣ тарбия намудани хонандагони синфҳои мазкур бо овардани мисолҳои мушаххас шарҳу тафсир дода шудааст. Дар фасли дуюм натиҷаи қисмати якуми озмуни муқарраркунӣ баррасӣ гардидааст, ки дар раванди он дар доираи саволномаҳои ба мафҳумҳои таҳаммулпазирӣ иртиботдошта муносибатҳои фардӣ ва байни ҳамдигарии хонандагони синфҳои V-VII муайян ва хулосабарорӣ карда шудааст. Ҳамчунин, дар ин фасл бобати ҳидоят намудани хонандагони синфҳои мазкур, ки дар доираи буҳрони гузариш аз давраи бабалоғатрасӣ ба давраи наврасӣ қарор доранд, чанд пешниҳоди муфиди унвонҷӯ тибқи тафсирдиҳӣ ироа гардидааст.

Ниҳоят, натиҷаи фаъолияти пажӯҳишии муаллиф дар фасли сеюми боби II дар раванди озмуни таълимӣ ба таври мусбат аз санҷиш гузаронида шуда, ҳамчунин, мавриди хулосабарорӣ қарор дода шудааст.

Дар охири ҳар як боби тадқиқот хулоса баровbooарда шудааст. Дар хулосаи умумӣ аз натиҷаи тадқиқоти гузаронидашуда нуктаҳои хулосавӣ ва тавсияҳои асосноки илмӣ инъикос ёфтаанд.

Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодшуда бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии тадқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи тадқиқот пешниҳодшуда, истифодаи усулҳои тадқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ буда, таҷрибаи амалии муаллиф ба ҳисоб меравад.

Ҷанбаи назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки тадқиқоти мазкур барои муқаррар намудани роҳҳои ташаккул ва тарбияи таҳаммулпазирӣ дар дарси адабиёти тоҷик саҳми арзанда мегузорад.

Дар маҷмуъ, муаллиф ҳадафҳои гузоштташудаи тадқиқотро пурра ҳал намудааст. Хулосаҳо тибқи вазифаҳои гузоштташуда асоснок буда, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти баланди эҷодӣ мебошад.

Хулосаи назариявӣ ва тавсияҳои диссертант мантиқан аз муҳтавои умумии рисола бармеояд. Автореферат мундариҷаи умумии диссертатсияро инъикос мекунад.

Ҳамчун роҳбари илмӣ дар мавриди сифатҳои шахсии унвонҷӯ бояд тазаккур кард, ки Бобоева Иноятхон Асроровна машғули фаъолияти босамари педагогӣ буда, ба яке аз масъалаи муҳимми илми педагогикаи муосир, тарбияи таҳаммул ва тоқатпазирии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Доир ба мавзуи таҳқиқ диссертант 14 мақолаи илмӣ интишор ва дар як қатор конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ фаъолона иштирок ва баромад намудааст.

Дар давраи таҳия ва омода намудани диссертатсия унвонҷӯ теъдоди назарраси адабиёти илмиву психологӣ ва педагогиро роҷеъ ба мавзуи таҳқиқ мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, масъулиятшиносиву кордонӣ, суботкориву ҳадафмандӣ, сатҳи баланди қобилияти тадқиқотӣ ва мустақилиятро аз худ нишон дод.

Диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна кори мустақилона ва илмию тахассусӣ буда, фарогири ҳалли яке аз масъалаҳои мубрами амалияи илми педагогикаи муосир мебошад. Рисола ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021) ҷавобгӯ арзёбӣ гардида, барои дифоъ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) тавсия мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои
педагогӣ, узви вобастаи Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон, профессори
кафедраи методикаи таълими
Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шербоев С.
Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, к. Муҳаммадиева 17/6
Тел.:+992-372-32-50-00
E-mail: info@ddzt.tj

14.09.2022

Имзои профессор С.Шербоевро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ
ба номи С.Улуғзода Наҷмуддинов М.Ш.